## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. – Душанбе, 2026. – 409 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити босуръати ҷаҳонишавӣ аксари муносибатҳои ҷамъиятӣ боиси тағйирёбии ҷиддӣ қарор гирифта истодаанд. Дар ин миён муносибатҳои ҳуқуқӣ, ба хусус ҷиноят ва ҷазо низ истисно намебошанд. Аз ҷумла бо ташаккули технологияи навин намудҳои нави ҷинояткорӣ ташаккул ёфта истодааст. Мавриди зикр аст, ки дар ин раванди босуръати ҷаҳонишавӣ давлатҳо бештар ба инсондӯстона намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда истодаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви комлҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ принсипи инсондӯстона будани ҷазоҳои ҷиноятиро дар сатҳи

қонунгузорӣ муқаррар намуда, ҷазоҳои ҷиноятиро низ ба ин принсип мувофиқ гардонидааст. Бояд зикр намуд, ки гурӯҳи ҷазоҳои ҷиноятие, ки ба ин принсип мувофиқанд инҳо ҷазоҳои асосие мебошанд, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд.

Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, имрӯз таваҷҷуҳи аксари олимону муҳаққиқони соҳа ва давлату ҳукуматро ба худ ҷалб намудаанд. Зеро татбиқи ҷазоҳои мазкур самаранокии раванди ислоҳшавию амалисозии мақсадҳои ҷазоро дучанд менамояд. Аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин гурӯҳи ҷазоҳо мавриди таҳқиқоти мукаммалу маҷмуии илмӣ қарор нагирифтааст, ки чунин ҳолат метавонад боиси ҳалношуда боқӣ мондани мушкилоти соҳа гардида, самаранокии татбиқи ҷазоҳои ҷиноятиро коҳиш диҳад. Мубрамияти мавзуро дарк намуда, Зокирзода Зафар Хайрулло таҳқиқоти илмии худро ба ин масъала бахшидааст.

Мубрамияти таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки муҳаққиқ мавзуъро ҳаматарафа бо усулҳои илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, хулосаҳои илман асоснок баровардааст, ки онҳо барои назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти калон доранд. Таҳқиқоти муаллиф низомнок таҳия шуда, мафҳуму мазмун, хусусиятҳои ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аксари хулосаю тавсияҳои муаллиф дар ин бахши таҳқиқот бисёре аз холигиҳои меъёрҳои ҳуқуқиро пурра гардонида, масъалаҳои илмии ҳуқуқи ҷиноятиро низ мукаммал мегардонад. Бинобар ин, таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф дорои сатҳи баланди мубрамии илмию амалӣ мебошад.

Диссертант амалияи таъини ҷазоҳои асосиеро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд дар асоси ҳукмҳои судӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, мушкилотҳои ҷойдоштаро муайян ва

хулосаю тавсияҳои судмандро пешкаш намудааст, ки аз сатҳи баланди мубрамиятӣ таҳқиқот дарак медиҳад.

Мубрамии таҳқиқот ҳамзамон дар он ифода меёбад, ки муҳаққиқ на танҳо ба масъалаҳои мафҳуму мазмун, махсусиятҳо ва таъини ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, таваҷҷуҳ намудааст, балки масъалаҳои иҷрои ҷазоҳои мазкурро низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Дар ин бахш, муҳаққиқ мушкилоти ҷойдоштаро дар самти иҷрои ҷазо мутобиқи қонунгузории иҷро ошкор намуда, барои мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсияҳои судманд пешниҳод намудааст, ки дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон гуфт, ки мавзуи таҳқиқоти мазкур аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ аҳаммияти махсус дорад. Ин таҳқиқот метавонад холигиҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятиро дар самти ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд пурра намуда, боиси мукаммалгардонии қонунгузории кишвар гардад. Ҳамзамон тавсия ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд мушкилоти дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вобаста ба ҷазоҳои мавриди назар ҷойдоштаро ҳал намоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки диссертатсияи мазкур аввалин таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи илмие мебошад, ки ба масъалаҳои мафҳуму мазмун, таъин ва иҷрои ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, бахшида шудааст. Дар доираи таҳқиқоти мазкур бо истифода аз усулҳои муосири илмӣ мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ оид

ба ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, мавриди омӯзиши муфассал ва системавӣ қарор дода шудаанд.

Тањќиќоти илмии мазкур ба муаллиф имкон додааст, ки чунин нуќтањои муҳимро ба њимоя пешкаш намояд:

1. Муаллиф зимни таҳқиқот муайян намудааст, ки дар самти иҷрои корҳоиислоҳӣ чунин мушкилоти асосӣ ҷой доранд: норасоии ҷойи корӣ дар маҳалле, ки маҳкумшуда бояд корҳои ислоҳиро адо намояд; норасоии кадрӣ ҷиҳати назорати маҳкумшудагоне, ки корҳои ислоҳиро адо мекунанд; номукаммалии механизми татбиқи ҷазои интизомӣ ҳангоми вайрон шудани тартиботи меҳнатӣ аз ҷониби маҳкумшуда; номукаммалии механизми баҳисобгирии вақти адои корҳои ислоҳии маҳкумшудагон; ба кормандони мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои беасос фиристодани мавод барои оғоз намудани парвандаҳои ҷустуҷӯйӣ нисбати маҳкумшудагон роҳ надиҳад (саҳ.16 диссертатсия).

2. Таҳқиқоти муаллиф нишон медиҳад, ки камбудиҳои амалияи судӣ дар таъин ва иҷрои ҷазоҳои маҳдуд кардани озодӣ, аз норасоии қонунгузорӣ ва техникӣ то мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва кадрӣ метавонанд боиси номукаммалӣ дар истифодаи ин намуди ҷазо ва боиси фаромӯш шудани ҳадафи аслӣ, яъне реинтегратсияи маҳкумшудагон ба ҷомеа шаванд. Барои бартараф намудани ин камбудиҳо зарур аст, ки таҷрибаи судӣ ва қонунгузорӣ дар бораи ҷазоҳои алтернативаи маҳрум сохтан аз озодӣ, аз ҷумла маҳдуд кардани озодӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад, механизмҳои назоратӣ, ба монанди мониторинг ва дастмонаҳои электронӣ ҳамчун пробатсия дар як қисми муассисаҳои ислоҳӣ роҳандозӣ карда шавад (саҳ.17 диссертатсия).

3. Муаллиф зимни таҳқиқоти худ масъалаи «низоми табдил ё конвертатсияи соатҳо»-ро таҳқиқ ва асоснок намудааст. Аз ҷумла, қайд мекунад, ки қонунгузории амалкунанда иҷрои корҳои ҳатмиро, асосан, аз

лиҳозі миқдорӣ яъне шумораи соатҳои адошуда арзёбӣ менамояд. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки чунин усули баҳогузорӣ наметавонад пурра ифодакунандаи сатҳи воқеии ислоҳи шахсони маҳкумшуда бошад. Зеро ду нафари маҳкумшуда бо шумораи баробари кор метавонанд рафтору муносибати гуногун дошта бошанд. Аз ин рӯ, зарурати ворид кардани унсури сифативу рафторӣ ба низоми баҳогузории иҷрои корҳои ҳатмӣ пеш меояд. Ин унсур бояд на танҳо рафтор, балки омодагии маънавию иҷтимоии шахсро низ инъикос намояд. Чунин унсурро «низоми табдил ё конвертатсияи соатҳо» шуморидан мумкин аст (саҳ.17 диссертатсия).

4. Дар қ. 3 м. 54 КҶ ҶТ чунин муқаррарот ҳамроҳ карда шавад: «Шахсоне, ки дар ҳудуди қаламрави ҶТ ҷойи зисти доимӣ надоранд, ба кор ҷалб карда нашаванд» (саҳ.18 диссертатсия).

5. Дар қонунгузории ҷиноятӣ (м. 48(1) КҶ ҶТ) бояд бо истилоҳи зерин: «Корҳои ҳатмӣ дар ҳудуди минтақаи шаҳрӣ ё маҳалҳои ноҳия, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад, адо карда мешавад» ва «вале дар маҳалли истиқомати маҳкумшуда» ба истилоҳи «вале дар ҳудуди минтақаҳои шаҳрӣ ё ноҳияе, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад» иваз карда шавад (саҳ.18 диссертатсия).

6. Пешниҳод мегардад, ки дар номи м.м. 48, 49 ва дигар меъёрҳои КИҶҶ ҶТ истилоҳи "маҳалли адои ҷазо" ба истилоҳи "муассисаи адои ҷазо" иваз карда шавад (саҳ.19 диссертатсия).

Ин ва дигар нуктаҳое, ки диссертант барои ҳимоя пешниҳод намудааст, барои назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар ҷумҳурӣ навгонии муҳимро ташкил медиҳанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асосноккунии хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар доираи ин таҳқиқот ироа шудаанд, ба натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста

намебошанд, асос ёфтаанд. Диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар самти ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба ҳисоб рафта, рушди қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии миллӣ, таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ ва қонунгузории кишварҳои хориҷиро дар робита ба ин масъала мавриди таҳлили васеъ қарор додааст.

Муаллиф андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, қонунгузории ҷиноятии миллӣ ва кишварҳои хориҷиро таҳлил намуда, мазмуну моҳият, мушкилотҳои таъин ва иҷрои чор намуди ҷазоеро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба монанди корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ ошкор намуда, тавсияҳои судманди илмию амалӣ пешниҳод намудааст.

Анҷом додани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки истифода аз таҷрибаи мусбати кишварҳои хориҷӣ метавонад барои такмил додани меъёрҳои қонунгузории миллӣ дар самти ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, судманд бошад.

Дар таҳқиқоти мазкур ҷазоҳои ҷиноятии корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, мафҳуму моҳият, махсусиятҳо, оқибатҳои сазоӣ, мушкилотҳои таъин ва иҷрои онҳо муайян ва асоснок гардидаанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқоти мазкур дар заминаи таҳлил ва омӯзиши фарогири адабиёти ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалии судӣ ба даст омадаанд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар самти такмил ва таҳкими қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан вобаста ба

татбиқи ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ, накши муҳим дошта бошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, панҷ боб, 15 зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 409 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи рисола мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, нуктаҳои муҳиме, ки боиси анҷом додани таҳқиқот гардида, мубрамияти онро ифода мекунанд, шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Ҳамчунин дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои бадастовардашуда нишон дода шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия таҳти унвони «Моҳият, мақсад ва низоми ҷазо дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гардидааст. Боби мазкур аз се зербоб иборат буда, масъалаҳои асосии зеринро мавриди омӯзиши васеъ ва амиқ қарор медиҳад: мафҳум ва моҳияти ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд; проблемаҳои мақсадҳои ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон; проблемаҳои низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон; низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва аҳаммияти он; асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ.

Дар ин самт муаллиф ба таври дақиқ ва муфассал мафҳум ва моҳияти ҷазоҳоеро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста

намебошанд, таҳқиқ намуда, баъзе проблемаҳои мақсади ҷазо, низоми ҷазои ҷиноятӣ, асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятиро ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ таҳлилу баррасӣ намудааст.

Муаллиф зимни таҳқиқот моҳият ва самаранокии ҷазоҳоеро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, бисёр содда шарҳ додааст. Аз ҷумла диссертант қайд мекунад, ки ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумуда аз ҷомеа вобаста намебошанд таҷассуми принсипи инсондӯстӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд. Ин гуна ҷазоҳо ба шахс имкон медиҳанд, ки гуноҳи содиркардаро бо ҳисси масъулияти иҷтимоӣ ҷуброн намояд. Ин намудҳои ҷазо на танҳо шахсро ислоҳ мекунанд, балки дар зеҳни ҷомеа тасаввури навро аз муносибати одилона ва башардӯстона дар баробари ҳуқуқвайронкунандагон ташаккул медиҳанд. Дар амал судҳо ва мақомоти иҷрои ҷазо кӯшиш мекунанд, ки ҷазоҳоеро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, бештар татбиқ намоянд, то шумораи маҳкумшудагон дар муассисаҳои ислоҳӣ кам гашта, таъсири иҷтимоии манфӣ коҳиш ёбад (саҳ. 28).

Пешниҳоди муҳаққиқ ҷиҳати дар қонунгузорӣ ворид намудани таърифи ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, сариваќтӣ буда, барои амалия ва илми ватанӣ навгонии мубрам ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, муҳаққиқ иброз доштааст, ки метавон таърифи зеринро дар фасли 2, боби 3[1] КИҶҶ ҶТ муқаррар намуд: ҷазоҳои бидуни ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа маҷмуи чораҳои муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятиро вобаста ба аксуламали сазодиҳандагии давлат нисбат ба шахси гунаҳкор дар содир намудани ҷинояти начандон вазнин ва дараҷаи миёна ташкил медиҳанд, ки ҳуқуқу озодиҳои ӯро маҳдуд менамояд (саҳ. 33).

Дар доираи зербоби дуюми боби якум муаллиф ба проблемаҳои мақсадҳои ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати

махсус додааст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки мақсадҳои ҷазо дар назарияи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузорӣ иборатанд аз: бартараф кардани ҷиноят, ислоҳи маҳкумшуда, пешгирии ҷиноят, таъмини адолат ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон. Аммо ҷазо набояд ҳамчун шакли интиқом ва маҳрум сохтан аз озодӣ қабул шавад, ки ин бо арзишҳои муосири ҳуқуқи инсон мутобиқат ва ҳамхонӣ надорад (саҳ. 45). Дар ин бахш муҳаққиқ мақсадҳои ҷазои ҷиноятиро равшан намуда, аҳаммияти онҳоро дар самаранокии татбиқи ҷазоҳои ҷиноятӣ нишон додааст.

Зербоби сеюми боби якум ба масъалаи проблемаҳои низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, ду қисмро фаро мегирад. Дар онҳо масъалаҳои низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, аҳаммияти он муайян карда шудааст. Ҳамзамон масъалаи асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба асосӣ ва иловагӣ зери таҳқиқи илмӣ қарор гирифта, проблемаҳо ва асосҳои чунин таснифот муайян гардидааст. Муаллиф қонунгузории ҷиноятии кунунии ҶТ-ро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки чунин як низоми мушаххаси ҷазои ҷиноятӣ дар КҶ ҶТ (м. 47 КҶ ҶТ) вуҷуд надошта, ба ҷойи он фақат номгӯйи содаи шаклҳои он истифода шудааст (саҳ. 67). Ин масъаларо аз дидгоҳи олимони ватанию хориҷӣ ва меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ таҳлилу баррасӣ намуда, хулосаҳои судманд баровардааст.

**Боби дуюми** таҳқиқоти мазкур таҳти унвони «Мазмуни ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд» номгузорӣ шуда, дар он муаллиф масъалаҳои зеринро таҳқиқ намудааст: моҳият ва мазмуни корҳои ҳатмӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ; моҳият ва мазмуни корҳои ислоҳӣ; мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ; мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардани озодӣ.

Дар зербоби аввал, муҳаққиқ масъалаи мафҳуму моҳияти ҷазои корҳои ҳатмиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, мушкилотҳои ҷойдоштаро ошкор ва ҷиҳати ҳалли онҳо тавсияҳои илман асоснок пешкаш намудааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ чунин мушкилоти қонунгузории ҷиноятиро ошкор намудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад: Дар КҶ ҶТ дар низоми ҷазо корҳои ҳатмӣ дар ҷойи чорум муқаррар шудаанд, вале дар моддаҳои алоҳида дар ҷойи якум. Яъне ҳангоми дар алоҳидагӣ муқаррар кардани намудҳои ҷазо ба низомнокии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир нашудааст. Бо ин назардошт, пешниҳод карда мешавад, ки дар КҶ ҶТ низомнокии ҷазоҳои ҷиноятӣ риоя карда шавад (саҳ. 90).

Дар баробари ин, муаллиф ба таҳлили моҳияти ҷазои корҳои ҳатмӣ, ки ифодакунандаи оқибатҳои сазоӣ ва ислоҳии он мебошад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Аз ҷумла, қайд мегардад, ки моҳияти корҳои ҳатмӣ ҳамчун яке аз намудҳои ҷазо ба хусусиятҳои махсуси он корҳое бастагӣ дорад, ки ҳангоми адо намудани давраи иҷрои ҷазо тавассути шахси маҳкумшуда иҷро мегарданд. Моҳияти корҳои ҳатмӣ дар он ифода меёбад, ки он ҳамчун ҷазои сабук, ислоҳкунанда ва самаранок амал мекунад. Ин намуди ҷазо шахсро аз ҷомеа дур намекунад, балки ӯро водор месозад, ки бо меҳнати фоиданоки худ зарари иҷтимоиро ҷуброн намуда, ба ҳаёти қонунмеҳвар баргардад (саҳ .107).

Зербоби дуюми ин боб «Моҳият ва мазмуни корҳои ислоҳӣ» ном дошта, дар он муаллиф моҳияту мазмуни корҳои ислоҳиро ҳамчун ҷазои ҷиноятие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад таҳлили амиқ ва ҳамаҷониба кардааст. Ҳамзамон, муаллиф махсусиятҳои фарқкунандаи ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ ва корҳои ислоҳиро бо назардошти андешаҳои олимон ба таври васеъ шарҳ додааст.

Муҳаққиқ зимни таҳқиқоти худ холигии қонунгузории ҷиноятиро оид ба корҳои ислоҳӣ ошкор намуда, қайд месозад, ки мазмуну муҳтавои ҷазои ҷиноятӣ аз сӯйи қонунгузор дар робита ба навъҳои корҳои ислоҳӣ

ба таври равшан нишон дода нашудааст. Ин дар ҳолест, ки қонунгузории ҷиноятӣ субъектҳои ҷазо, маҳалли адои ҷазо ва муҳлати иҷрои корҳои ислоҳиро муайян менамояд. Ҳамчунин дар баробари хусусиятҳои умумии ҷазо хусусиятҳои сифатии муҳтавои корҳои ислоҳиро мушаххас намесозад. Бо сабаби он ки қонунгузорӣ мафҳуми корҳои ислоҳиро мушаххас насохтааст, зарурат ба миён меояд, ки масъалаи мазкур мавриди таҳқиқу таҳлил қарор бигирад (саҳ. 116).

Ҳамчунин, дар ин зербоб муаллиф матни моддаи 52 Кодекси ҷиноятиро, ки ба ҷазо корҳои ислоҳӣ марбут мебошад, иборат аз 10 қисм ба таври мукаммал пешниҳод намудааст (саҳ. 126-128).

Дар зербоби сеюми боби дуюм масъалаи мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо назардошти меъёрҳои қонунгузорӣ ва андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ мазмуну моҳият ва аломатҳои ҷазоҳои асосиеро, ки ба ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад, муайян кардааст. Аз ҷумла, қайд мегардад, ки омӯзиши моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ барои кормандони ҳарбӣ, ҳуқуқшиносон ва мутахассисон дар соҳаи мудофиа муҳим мебошад. Ин мавзуъ ба онҳо кумак мекунад, ки раванди татбиқи ҷазоҳои махсусро дуруст фаҳманд ва бо истифодаи он муҳити хизматиро ботартибу устувор гардонанд (саҳ. 132).

Ғайр аз ин, зимни таҳқиқоти худ муаллиф камбудиҳои қонунгузориро оид ба ин намуди ҷазо ошкор намуда, қайд мекунад, ки қонунгузории амалкунанда дар соҳаи қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, инчунин танзими хизмати ҳарбӣ инҳоро пешбинӣ намекунад: талабот ба рафтори хизматчии ҳарбии маҳкумшуда ҳангоми иҷрои ҷазо; ҷазо барои дидаву дониста саркашӣ кардани шахси гунаҳкор аз адои ҷазо (саҳ. 137).

Дар зербоби чоруми боби дуюм муҳаққиқ масъалаи мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардани озодиро мавриди таҳқиқи илмӣ

қарор додааст. Дар ин раванд, муҳаққиқ мафҳуму моҳият ва махсусиятҳои ҷазои маҳдуд кардани озодиро зери таҳлили васеъ қарор дода, аҳаммият ва самаранокии татбиқи ин ҷазоро муайян кардааст. Аз ҷумла, муаллиф қайд мекунад, ки бо вуҷуди он ки маҳдуд кардани озодӣ нисбатан шакли сабуки ҷазо ба ҳисоб меравад, татбиқи самараноки он ба омодагӣ ва салоҳияти мақомоти назоратӣ вобаста аст. Назорати дуруст, кор бо маҳкумшуда ва истифодаи усулҳои ислоҳиву тарбиявӣ бояд дар маркази таваҷҷуҳ қарор гиранд. Агар танҳо маҳдудият ҷорӣ гардад, вале назорат ва ё ҳамкорӣ набошад, ин ҷазо таъсири лозимаро намерасонад. Аз ин рӯ, дар амал ин намуди ҷазо бояд бо назорати иҷтимоӣ ва равонӣ ҳамроҳ бошад (саҳ. 148).

Муаллифи рисола аз таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ чунин хулосабарорӣ намудааст, ки меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ оид ба маҳдуд кардани озодӣ ифодакунандаи мафҳуми ҷазои мазкур намебошад ва мазмуни онро низ пурратар ошкор намесозад. Ҳамзамон нигоҳ доштан дар муассисаҳои махсус, ки дар меъёр муқаррар шудааст, аллакай худ ифодакунандаи ҷудо кардани маҳкумшуда аз ҷомеа ба ҳисоб меравад ва моҳияти онро ҳамчун ҷазои бидуни ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа аз байн мебарад. Бо ин назардошт, зарур мешуморем, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми маҳдуд кардани озодӣ муқаррар карда шавад (саҳ. 151).

**Боби сеюми** диссертатсияи мазкур таҳти унвони «Таъини ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд» масъалаҳои таъини ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодиро бо назардошти баррасии ҳукмҳои судӣ таҳлил намуда, хулосаҳои илман асоснок пешниҳод кардааст.

Дар зербоби якуми ин боб бо номи «Таъини ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ» муаллиф ба таҳлилу баррасии проблемаҳои таъини ҷазои корҳои

ҳатмӣ пардохтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки таъини ҷазои корҳои ҳатмӣ ҳанӯз ҳам назар ба ҷазоҳои дигар хеле ҳам кам мебошад. Аз як тараф, сабаби кам таъин шудани ин намуди ҷазо аз соли 2004 ба КҶ ҶТ дохил шудани он бошад, аз тарафи дигар, боз масъалаҳои зиёде ҷой доранд, ки ба иҷрову адои самараноки ин намуди ҷазо монеъ мешаванд. Ҳукмҳои судӣ нишон медиҳанд, ки ҳангоми таъини ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ аз ҷониби судҳо баъзе хатоҳо роҳ дода мешавад (саҳ.164).

Зербоби дуюми боби сеюм таҳти унвони «Таъини ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ» проблемаҳои таъини ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ бо назардошти баррасии ҳукмҳои судӣ таҳқиқ менамояд. Зербоби мазкурро муаллиф ба ду қисм ҷудо намуда, дар қисми якум ба таҳқиқи ҳолатҳое, ки ҳангоми таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ аз тарафи суд ба инобат гирифта мешаванд, пардохтааст. Аз ҷумла, муаллиф муайян намудааст, ки таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки дар КҶ ҶТ вазъи моддию оилавии судшаванда, доштан ё надоштани ҷойи кори доимӣ, вазъи саломатӣ ё қобилияти меҳнатии судшаванда, масъалаи таълим ва рушди иҷтимоии ноболиғ, доштан ё надоштани ҷойи кори доимӣ ва монанди инҳо муқаррар нашудаанд (саҳ. 184).

Дар қисми дуюми зербоби мазкур муаллиф амалияи таъини ҷазои корҳои ислоҳиро мавриди таҳқиқи илмӣ қарор додааст. Дар ин бахш ҷанбаҳои гуногуни ҷазои корҳои ислоҳӣ, бо таҳлили меъёрҳои қонунгузорию амалияи судӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, баъзе мушкилотҳои амалияи судӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ оид ба таъини корҳои ислоҳӣ муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, муаллифи рисола дуруст хулосабарорӣ намудааст, ки ҷазои корҳои ислоҳӣ дар низоми ҷазои ҷиноятӣ ба қатори шашум мувофиқ намебошад. Корҳои ҳатмӣ, ки дар қатори панҷум меистанд, аз ҷазои корҳои ислоҳӣ вазнинтаранд, зеро маҳкумшуда корҳои ҳатмиро бемузд иҷро мекунад, ҳамзамон иҷрои кори мазкур берун аз кори асосӣ ва таҳсил мебошад, дар сурате ки корҳои

ислоҳӣ дар ҷойи кори асосӣ таъин мешавад, музднок аст. Аз ин рӯ, мо бо роҳи зиёд кардани муҳлати адои ҷазо мустаҳкам намудани имконияти маҷбурии корҳои ислоҳиро қобили қабул мешуморем (саҳ. 203).

Зербоби сеюми боби сеюм ба масъалаи «Таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ» бахшида шуда, дар он муҳаққиқ масъалаҳои назарӣ ва амалии таъини ҷазоро дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ бо назардошти баррасии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи судӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Аз ҷумла, диссертант қайд намудааст, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ дар робита ба содир кардани ҷиноятҳои ҳарбӣ тамоми шаклҳои таъсиррасонӣ нисбат ба хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла нисбат ба онҳое, ки бо тартиби ихтиёрӣ машғули адои хизмати ҳарбианд, пурра инъикос наёфтаанд. Ҳамчун воситаи муассиртарини таъсиррасонӣ ба ин гуна шахсон васеътар истифода бурдани ҷарима ба мақсад мувофиқ аст (саҳ. 222).

Дар зербоби чоруми боби сеюм масъалаи «Таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллифи рисола дар ин бахш ҷанбаҳои назарӣ ва амалии таъини ҷазоро дар намуди маҳдуд кардани озодӣ бо назардошти баррасии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи судӣ баррасӣ намуда, хулосаҳои асоснок баровардааст.

Зимни таҳқиқоти худ диссертант ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ ибрози назар кардааст, ки масъалаи ҳудуди истифода шудани маҳдуд кардани озодӣ ба қадри кофӣ ҳалли худро наёфтааст. Ба назари мо, дар қ. 3 м. 54 КҶ ҶТ шахсоне, ки дар ҳудуди қаламрави ҶТ ҷойи доимии зист надоранд, ба кор бурда намешавад, илова карда шавад (саҳ. 230).

**Боби чоруми** диссертатсия ба масъалаи «Иҷрои ҷазоҳои бо фаъолияти ҳатмии меҳнатии маҳкумшудагон алоқамандбуда» бахшида шуда, фарогири масъалаҳои зерин мебошад: танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмӣ; иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ; масъалаҳои

ташкилии ҳуқуқии раванди иҷрои корҳои ислоҳӣ; шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ; масъалаҳои бакоргирии равишҳои ислоҳи шахсони ба иҷрои корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда.

Дар ин боб муҳаққиқ пурра масъалаҳои иҷрои ҷазоҳои ҷиноятиеро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ба муносибатҳои меҳнатӣ алоқаманд мебошанд. Аз ҷумла, дар зербоби якуми боби мазкур муҳаққиқ масъалаи танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмиро баррасӣ намуда, мушкилотҳои ҷойдоштаро муайян ва барои такмили қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсияҳои судманд манзур кардааст.

Ба андешаи диссертант, қонунгузорӣ намуди кор ва шакли иншоотро дақиқан муқаррар накардааст ва судҳо низ инро муайян накарда, ба зиммаи мақомоти маҳаллӣ вогузор менамоянд. Дар ин ҷо бояд якум намудҳои корҳое, ки барои адои корҳои ҳатмӣ мувофиқ мебошанд ва дуюм намудҳои иншоот (давлатӣ ва ё ғайридавлатӣ) муқаррар карда шаванд. Бинобар ин, ба м. 29.1 КИҶҶ ҶТ зарурати ворид намудани иловаҳо ба миён омадааст, зеро тартиби беҳтару муассиртар барои мушаххас кардани навъи кор ва объектҳоеро, ки дар намуди ҷазои ҷиноятӣ таъин кардани онҳо имконпазир аст, амалӣ мегардад (саҳ. 244).

Зербоби дуюми боби чорум «Иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ» ном гирифта, муаллифи таҳқиқот дар он проблемаҳои назарию амалии иҷрои ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ, масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии раванди иҷрои ҷазо, шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ ва масъалаҳои бакоргирии равишҳои ислоҳи шахсони ба иҷрои корҳои ислоҳӣ маҳкумшударо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Барои самаранок иҷро шудани корҳои ислоҳӣ аз ҷониби маҳкумшуда ва дуруст татбиқ гардидани мамнуият ва уҳдадориҳои ӯ муаллифи рисола ба роҳ мондани назорат аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳиро зарур шуморида, қайд менамояд, ки масъалаи кадрии нозироти корҳои ислоҳӣ ва сарчашмаи хароҷоти нозирот дар раванди назорати маҳкумшуда дар

маҳалли истиқоматӣ ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои ӯ бояд дар сатҳи қонунгузорӣ муайян ва муқаррар карда шавад (саҳ. 269).

Муаллифи таҳқиқот ба масъалаи навъи кору фаъолият ҳангоми иҷрои корҳои ислоҳӣ таваҷҷуҳ намуда, иброз медорад, ки дар ин самт бояд маҳдудиятҳо бошад, ки маҳкумшуда ба кадом навъи корҳо ҷалб карда мешавад ва ё баръакс ҷалб карда намешавад. Масалан, дар деҳот аксаран омӯзгор намерасад. Оё маҳкумшударо ба фаъолияти омӯзгорӣ ҷалб кардан мумкин аст? Бо ин назардошт, беҳтар мебуд, ки механизми муайян кардани ҷойи кор нисбати маҳкумшуда, доираи фаъолиятҳое, ки барои маҳкумшуда ҷиҳати адои корҳои ислоҳӣ манъ мебошанд, таҷдиди назар карда шуда, дар қонунгузорӣ муқаррар гарданд (саҳ. 298). Масъалаҳои таҳлилнамудаи муҳаққиқ мубрам буда, хулосаҳои илман асоснок мебошанд ва барои такмили қонунгузории кишвар мусоидат менамоянд.

**Боби панҷуми** диссертатсия зери унвони «Иҷрои ҷазоҳои бо маҳдуд кардани озодӣ алоқамандбуда» ба таҳқиқу баррасии масъалаҳои зерин бахшида шудааст: иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ; ташкили иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ; мақоми ҳуқуқии шахсоне, ки ба маҳдуд кардан аз озодӣ маҳкум шудаанд; проблемаҳои иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ.

Дар боби мазкур муҳаққиқ паҳлуҳои назарию амалии иҷрои ҷазоҳои ҷиноятиеро мавриди таҳлил қарор додааст, ки бо маҳдуд кардани озодӣ алоқаманд мебошанд. Аз ҷумла, дар зербоби якуми боби мазкур муаллифи таҳқиқот масъалаи проблемаҳои иҷрои ҷазоро дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст. Зимни таҳқиқоти худ муаллиф хулосабарорӣ намудааст, ки танҳо нигоҳ доштани фоизи муайяни музди меҳнат шабеҳ будани ҷазоҳои корҳои ислоҳӣ ва маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбиро ифода намекунад. Ин ҷазоҳо вобаста ба меъёрҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз

ҷумла вобаста ба субъекти содири ҷиноят, макони адои ҷазо, субъекти назоратбаранда ва татбиққунандаи ҷазо, андозаи фоизи нигоҳдошти музди меҳнат, тартибу шароити адои ҷазо, ҳавасмандгардонӣ ва муҷозот барои маҳкумшуда ва монанди инҳо (саҳ. 304). Дар ин зербоб муаллиф ҳамзамон як қатор ҷиҳатҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятиро оид ба иҷрои ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ мусбӣ арзёбӣ намуда, изҳор намудааст, ки дигар муҳаққиқон низ инро эътироф намудаанд.

Диссертант зербоби дуюми боби панҷумро ба масъалаи «Ташкили иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ» бахшида, дар он масъалаҳои мақоми ҳуқуқии шахсоне, ки ба маҳдуд кардан аз озодӣ маҳкум шудаанд ва проблемаҳои иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодиро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар натиҷаи таҳқиқот мафҳуми мақоми ҳуқуқии маҳкумшударо муаллиф дар чунин шакл пешниҳод намудааст: мақоми ҳуқуқии маҳкумшуда гуфта, вазъи ҳуқуқии ӯро ҳангоми иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ фаҳмидан лозим аст, ки дар ҳуқуқу озодиҳо, ухдадориҳо ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маҳкумшуда ифода меёбад (саҳ. 330). Пешниҳоди муаллиф саривақтӣ мебошад, зеро чунин мафҳум на дар назария ва на дар қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муқаррар нашудааст.

Ҳамзамон, зимни таҳқиқоти анҷомдодаи худ муҳаққиқ ҳафт проблемаро дар раванди иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ таҳлили амиқ намуда, хулосаҳое баровардааст, ки барои такмили қонунгузории кишвар дар ин самт мусоидат менамоянд ва самаранокии иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодиро баланд мебардоранд.

Хулосаи диссертатсияи мазкур ба натиҷагирии умумӣ аз таҳқиқи ҳамаҷониба ва муқоисавии масъалаҳои марбут ба ҷазоҳои ҷиноятие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд бахшида шудааст. Муаллиф дар доираи ин қисмати кор натиҷаҳои

таҳқиқотро дар шакли 20 банди дорои аҳаммияти назариявӣ ва 11 банди ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равонашуда ҷамъбаст кардааст.

Хулосаҳои назариявии таҳқиқот бисёре аз мушкилоти ҷойдоштаро дар самти ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд ошкор намуда, масъалаҳои мафҳуму моҳият, проблемаҳои таъин ва иҷрои ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодиро фаро мегиранд.

Тавсияҳои амалии таҳқиқот барои назария ва амалияи кишвар навгонии муҳимро ташкил дода, бисёре аз холигиҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятиро пурра мегардонанд ва самаранокии татбиқи ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодиро афзоиш медиҳанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифода аз равиши комплексӣ масъалаи ҷазоҳои асосиеро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд ба таври ҳамаҷониба таҳлил намуда, вазифаҳои пешгузоштаро пурра иҷро кардааст. Натиҷаҳои бадастомада барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва дигар илмҳои марбут ба мавзуи мазкур заминаи боэътимоди назариявию методологӣ фароҳам меоранд. Ҳамзамон, мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олие, ки дорои ихтисосу факултетҳои ҳуқуқшиносӣ дар соҳаи қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошанд, истифода гардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки пешниҳоду тавсияҳои дар он ифодаёфта метавонанд дар таҷрибаи судӣ ва ислоҳнамоӣ татбиқ карда шаванд, инчунин аз ҷониби прокурорҳо ҳангоми иҷрои ҷазоҳои асосие, ки

бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, истифода баранд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи тавсияҳои муаллиф оид ба такмили қонунгузорӣ метавонанд самаранокии татбиқи ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодиро баланд бардошта, бо ин васила ба раванди ҳифзнамоии хароҷот ва зарарҳои молиявии барзиёде, ки зимни татбиқи ин ҷазоҳо масраф мешаванд, мусоидат намоянд. Ин раванд дар маҷмуъ ба рушди иқтисодии кишвар таъсири мусбӣ мерасонад.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқоти мазкур дар он ифода мегардад, ки ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ маҳкумшударо аз муҳити ҷомеа ва оила дур насохта, маҳз дар ҳамин муҳити омма мавриди тарбия ва ислоҳнамоӣ қарор медиҳад. Ҳамзамон, маҳкумшуда зимни адои ҷазо даромади муайян ба даст оварда, оилаи худро таъмин менамояд. Ғайр аз ин, дар ин раванд фарзандони маҳкумшуда низ аз таваҷҷуҳу ғамхории волидайни худ маҳрум намегардад. Дар маҷмуъ, самаранокии татбиқи ин ҷазоҳо ба рушди устувори иҷтимоии ҷомеа мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф дорои аҳаммияти баланди назариявӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, барои рушди минбаъдаи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 6 монография, 52 мақолаи илмӣ, ки аз он 27 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд. Аз ҷумла:

1. Муҳаққиқ ҳангоми асоснокнамоии мубрамияти мавзуи таҳқиқот қайд намудааст, ки баъзе меъёрҳои қонунгузорӣ ба амалияи имрӯзаи кишвар мувофиқат намекунанд (саҳ. 7). Аммо дар матни диссертатсия ба мушоҳида нарасид, ки муаллиф кадом меъёрҳои қонунгузориро дар назар дорад. Бинобар ин, аз муҳаққиқ пурсида мешавад, ки андешаи мазкурро ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия асоснок намояд.

2. Муҳақққи рисола иброз медорад, ки «Ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар амалияи судӣ бештар таъин мешаванд, ки ин ба мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар кишвар оварда мерасонад» (саҳ. 347). Аз муҳаққиқ пурсида мешавад, ки зери андешаи мазкур кадом мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодиро дар назар дорад.

3. Дар диссертатсия зикр шудааст, ки «Нуктаи муҳимме, ки маҳдуд кардани озодиро аз дигар ҷазоҳо фарқ мекунад, ин хусусияти иҷтимоии он аст» (саҳ. 147). Аммо муҳаққиқ шарҳ надодааст, ки кадом хусусиятҳои иҷтимоӣ ҷазои маҳдуд кардани озодиро аз дигар ҷазоҳо фарқ мекунонад. Аз ин рӯ, аз муҳаққиқ мехоҳем, ки дар ҳимояи ошкорои диссертатсия дар ин бобат фикру андешаи худро пешниҳод намояд.

4. Муаллифи рисола дар саҳифаҳои 16-17 диссертатсия барои беҳтар намудани татбиқи ҷазои маҳдуд кардани озодӣ роҳандозӣ намудани дастмонаҳои электрониро пешниҳод кардааст. Аммо муаллиф ҳадаф, сарчашмаи харид, тартиби таъмин ва назорат бурдани дастмонаҳои электрониро дақиқ нишон надодааст. Ҳамзамон муаллифро лозим аст, муайян намояд, ки оё таъмини дастмонаҳои электронӣ масрафҳои мавҷударо кам менамояд ё баръакс зиёд месозад. Аз муаллиф пурсида мешавад, ки ба масъалаҳои мазкур равшанӣ андозад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи макурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар умум, диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Муовини ректори Академии адолати судии
Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Салаев Н.С.

**Суроғаи муқарриз**: 100097, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
ш. Тошканд, н. Чилонзор, кӯчаи Чупонота, 6
Тел.: (+998) 909257424.
E-mail: salaev.nodirbek@gmail.com

**Имзои Салаев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:**

Сармутахассиси шуъбаи кадрҳои
Академии адолати судии
Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ганибаев К.Р.

**Суроға:** Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Академии адолати судии
Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 100097, ш. Тошканд,
ноҳияи Чилонзор, кӯчаи Чупонота, 6
Тел.: +998 (55) 501-01-88.
E-mail: info@sudacademy.uz

«13» 04 2026 сол